Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 126)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзуи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст.**

Дар ҷомеаи имрӯзаи доимо рушдёбанда ва тезтараққикунанда технологияи муосир на танҳо ба раванди ҷаҳонишавӣ мусоидат мекунад, инчунин он сарчашмаи донишу маълумотгирӣ, воситаи муҳими беҳдошт ва самаранокии кори таълиму тарбиявӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мебошад. Махсусан нақши технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таҳсилот хеле бузург аст ва он таваҷҷуҳи одамони синну соли гуногун, аз ҷумла кӯдакону наврасонро ба худ ҷалб менамояд.

Мавзуи таҳқиқотии Ёров Акмал Боронович ба яке аз масъалаҳои мубрам бахшида шуда, ба баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Муассисаҳои томактабӣ ҳамчун зинаи аввали таҳсилот ба истифода аз технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ шурӯъ намуда, дар рушду инкишофи соҳаи номбурда тақвият мебахшад. Барои ба ҳамқадами замон баробар гардидан гузариш аз ин зинаи таҳсилот ва таъмини заминаҳои моддӣ ва техникии муассисаҳои томактабӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ташкил ва баргузории курсҳои кӯтоҳмуддат

ва такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои томактабӣ ниҳоят ба фоидаи кор мебошад. Муҳаққиқ дар ин замина таҳияи дастури таълимиро бо номи “**Усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ**” пеш гирифта, барои дастгирии мураббиён ва волидон рӯи чоп овардааст.

Машғулиятҳо дар гурӯҳи калон ва омодагӣ ба мактаб шакли асосии фаъолияти таълимӣ-омӯзишии кӯдакон мебошанд ва аз ҷониби мураббия, ва мутахассисони махсус (корманди мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ, омӯзгори забони русӣ ва англисӣ ва г.) ташкил ва гузаронида мешавад. Бартарияти ворид намудани ТИИ ба раванди таълим иборат аст:

1. Воситаҳои ТИИ иттилоотро зудтар ба кӯдакон дастрас менамояд;
2. Ҳаракат, овоз наворҳои рангаю ҷаззоб диққати кӯдаконро ба худ ҷалб намуда, шавқу хоҳиши донистагириро зиёд менамояд;
3. Аёниятро таъмин намуда ба кӯдакон маводи омӯхташаванда дар сатҳи зарурӣ дастрас мегардад;

Унвонҷӯ ба мавзуи «**Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)**», кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст. Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Муҳаққиқ Ёров А.Б. мавзуи интихобнамудаашро хуб таҳлилу баррасӣ намуда, муҳиммият ва арзишмандии кори илмиро нишон додааст. Дар ин хусус ба диссертант чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Агар муҳаққиқ дар қисми амалӣ таҳқиқотро бо кӯдакон, волидон ва кормандони муассисаҳои томактабӣ дар ҳамбастагӣ ва ҳамҷоягӣ иҷро менамуд, беҳтар хоҳад буд;
2. Дар шабакаи Интернет пойгоҳи маълумотҳо ташкил карда шуда, дар он ҷо маводҳои электронӣ аз рафти машғулиятҳои таълимӣ бо

истифода аз технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар он мавод бор намуда, дар ин хусус ба мураббиёни камтаҷриба кӯмаки амалӣ намояд.

Қайд кардан бамаврид аст, пешниҳоди дар боло нишондодашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, он дар умум арзиши илмии кори таҳқиқотиро коста намесозад. Аз ин рӯ, он ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотии бaанҷомрасида барои дифоъ намудан ва сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳо гардидани муаллиф Ёров Акмал Боронович аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст.

Муқарриз:
Мудири кафедраи педагогика
ва психологияи Донишкадаи
давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Ошимова М.М

*Имзои М.М Ошимова-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Г